# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ, ба диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей - донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Дар диссертатсияи номзадии Гулмаҳмадов Салоҳиддин масъалаи асосҳои педагогии пайдарҳамии таълими иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ҳамчун ҳадафи таҳқиқ қарор дода шудааст. Ин мавзуъ дар педагогикаи муосир масъалаи муҳим маҳсуб меёбад ва ба сифати мавзуи рисолаи илмӣ дуруст интихоб шудааст, зеро дар педагогикаи тоҷик ин гуна проблема ҳарчанд дар таълими фанҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд, вале мунин тарзи гузориши мавзуи таҳқиқ дар ашроити ҷумҳурии мо авввалин аст. Бинобар ин, чун мавзуъ ва объекти тадқиқ интихоб гардидани "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей - донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он" дар шароити ҷаҳонишавии таҳсилот, воқеан, масъалаи **мубрам** маҳсуб меёбад.

Инчунин мубрамияти мавзуи интихобнамудаи таҳқиқотчӣ Гулмаҳмадов С. ба он асос карда мешавад, ки тағиротҳои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ баамаломада ва гузариш ба муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти ислоҳотро дар соҳаи маориф низ ба амал овард. Бинобар он ҷиҳати омода намудани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ва саҳм гузоштан дар рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар аз имкониятҳои мавҷуда васеъ истифода бурда, шаклҳои наву муосири таълимро ба роҳ мондан лозим омад.

Айни замон таваҷҷуҳ нисбат ба илм ва ҷустуҷуи он аз тарафи шаҳрвандони мамлакат, бахусус, наврасону ҷавонон ба маротиб афзудааст. Дар ин давра танҳо мутахассисони донишу таҷрибаи баланди коридошта метавонанд, дар рушди иқтисодиёти мамлакат саҳм гузоранд.

Гулмаҳмадов С. ташкили таълими муттасилиро дар зинаҳои литсей-донишгоҳ яке аз тадбирҳое меҳисобад, ки барои зина ба зина дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисони оянда мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин ӯ иброз менамояд, ки дар асоси муносибати

ҳадафмандона ба таълим масъалаи ҷалби хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши донишҳои иқтисодӣ зиёд гардида, тайёрии онҳо ба худомӯзӣ, талабот барои ҳосил намудани донишҳои нав ва эҳсоси мустақилӣ зиёд мегардад.

Бояд қайд намуд, ки дар рисола зимни баррасии самтҳои гуногуни самараноки таълими муттасил дар байни зинаҳои таҳсилот маводҳои зиёди назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ташкили чунин усул ба самарабахш гардидани донишазхудкунӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии хатмкунандагони литсей ва донишҷӯёни донишгоҳи олии касбӣ муҳим арзёбӣ ёфтааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки муаллифи рисола хангоми таҳқиқот мушкилотҳоеро, ки дар таълими фанни иқтисодиёт ва ташкили интихоби касб дучор меоянд, ошкор намуда дар баробари таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасти афкори илмии мавҷуда ақида ва тавсияҳою пешниҳодҳои тозаи худро баён намудааст. Аз ҷумла, ташкили муттасили таълимро муаллиф дар он самаровар ҳисобидааст, ки хатмкунандагони литсей имкон пайдо мекунанд, ки дар чорабиниҳои донишгоҳ, аз ҷумла дар озмоишгоҳ, дар мубоҳисаҳои илмӣ, дар сайёҳатҳо ба корхонаҳои хурду калони саноатии шаҳр иштирок намуда, донишу таҷрибаи баланд гиранд.

Дар баробари ин Гулмаҳмадов С. зимни таҳқиқоти диссертатсионии худ ба рушди дониш ва касбазхудкунӣ дар зинаҳои литсей ва бахши аввали донишгоҳ, раванди муттасилии таълимро, ки дар он дуруст ва ҳадафмандона оғоз ва ба анҷом расонидани давраи интихоби касби хатмкунандагони литсей, мониторинги сифати таълими онҳо, амсилаи самарабахши меъёри баҳогузорӣ, ки дар ҳамкорӣ бо мутахассисони ин зинаҳо сурат мегиранд, муҳим ва зарурӣ азёбӣ намудааст.

Ҳаминро ҳам ба инобат бояд гирифт, ки Гулмаҳмадов С. таҳқиқоти илмии худро бо назардошти талаботи консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.01.2017 тасдиқ шудааст, ба роҳ мондааст. Консепсияи мазкур ба шаҳрвандони мамлакат барои омӯзиш дар тамоми тӯли ҳаёт мусоидат намуда, муттасилии таълимро дар зинаҳои таҳсилот ва баъд аз он таъмин хоҳад намуд.

Муаллифи рисола дуруст таъкид мекунад, ки ҳадафи муҳими тағири сифати таълим бо донишҳои мукаммал ва ҷаҳонбинии васеъ таъмин намудани хонандагону донишҷӯён мебошад, то ки онҳо дар рушди иқтисодиёти мамлакат ҳиссагузор шаванд. Дар ин самт дарёфт, таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва рушд додани қобилиятҳо махсусан дар самти омӯзиши фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад.

**Дараҷаи навгониҳои дар** диссертатсия бадастоварда, нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод намудааст ва ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва пешниҳоднамудаи Гулмаҳмадов С. исботи онанд, ки таҳқиқотчӣ он мақсадҳое, ки дар таҳлилу таҳқиқ ба миён гузоштааст, ҳаллу фасл гардидаанд ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал татбиқ шудааст.

1. Бори аввал роҳандозии раванди муттасилии таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот пешнибӣ мегардад;

2. Мақолаҳои илмию методӣ ба нашр расонида шуданд, ки дар онҳо бо истифода аз таҳқиқоти олимони дохилу хориҷи кишвар таълими муттасилӣ баррасӣ карда шуданд;

3. Бо амалӣ гардидани муққарароти рисола ҳамкориҳои ду муассисаи илмӣ дар омода намудани мутахассисони ботаҷрибаи донишу маҳорати баланди касбидошта ба роҳ монда мешавад.

4. Усулҳои ташхиси муайян намудани сатҳи дониши хонандагони литсей ва донишҷӯёни соли аввали донишгоҳ муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои илмии зерин** аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ки инҳо:

- таҳким бахшидани муттасилии таълим дар байни литсей ва донишгоҳ на танҳо ба баланд гардидани сифати таҳсилот дар зинаҳои гуногун замина мегузорад, балки барои дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисони оянда накши созгор дорад;
- дар ин раванд муносибати хонандаю донишҷӯ ба илм ва ҷустуҷӯйҳои илмӣ тағир ёфта, барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ таҷриба аз худ менамоянд;
- ба баланд гардидани шавқи хонандагон дар гуруҳ онҳо тарзҳои нави омӯзишро аз худ намуда, раванди дигар – аз омӯзиш ба худомӯзиро аз бар менамоянд;

- ташкили низоми самарабахши раванди таълими фанҳои иқтисодӣ барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей ба роҳ монда мешавад;
- талаботҳои асосии таҳияи барномаҳои таълимӣ барои хонандагони литсей аз фанни иқтисодиёт асоснок гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** бо муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ бо далелҳо оварда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ, дар асоси методикаи таълим, асосҳои педагогика ва психология кори амалӣ анҷом ёфтанд.

Яке аз самтҳои фаъолияти таҳқиқоти диссертатсионии муаллифи рисола ин пурра омӯхтани таҷрибаи олимону мутафаккирони тоҷик дар бобати ташкили пайдарҳамии таълим ба ҳисоб рафта, онро таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод намудааст.

Таҳқиқотчӣ осори иқтисодии мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷикро хеле арзишманд ҳисобида, омӯхтани таҷрибаи бойи мардуми тамаддунсози моро, ки ҳанӯз дар асрҳои қаблӣ онҳоро истифода мебурданд, зарур шуморидааст. Ба андешаи ӯ аз худ намудани чунин донишу таҷрибаҳо аз манфиат холӣ набуда, баръакс барои афзун намудани донишҳои иқтисодӣ ва аз худ кардани роҳу усулҳои муоширати байни одамон нақши арзанда доранд.

Ин гуна асарҳои гузаштагони мо, ки мутаасифона дар дастурҳо ва адабиётҳо кам оварда шудаанд, барои наврасону ҷавонон тартиби муошират дар тиҷорат, тартиби интихоби мол, адлу инсоф ба мизоҷон, сарфу хароҷоти пул, амонатгузорӣ ва дигар таҷрибаҳои иқтисодиро меомӯзонанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя бо методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу тавсифи мафҳумҳои иқтисодӣ ҳосил шуда, бо ҳадафҳои мақсадноки муттасилӣ, ки ба предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шудаанд.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ, назарияҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои судбахш дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, муҳтавои диссертасия дар семинарҳои амалкунандаи омӯзгорони ноҳияи Фирдавсӣ, дар

Шурои илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дар конференсияи илмӣ–амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баррасӣ гардидаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқотаз он барсеоянд, ки** натиҷаҳои бадастоиадаро омӯзгорон метавонанд дар амалӣ сохтани тадбирҳои зерин истифода баранд:

- дар таълими фанни иқтисодиёт ва пурраю мукаммал намудани мавзуъҳо, дар истифода бурдани роҳу усулҳои муосири диққатҷалбкунанда намудани дарсҳо;
- дар таҳияи дастурҳои методӣ, воситаҳои таълими ёрирасон, таҳияи барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои корӣ дар таҳсилоти иқтисодӣ;
- дар навиштани рисолаҳои тахассусии донишҷӯёни хатмкунанда ва унвонҷуёну докторантон.

**Натиҷаи таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар шаш номгӯй мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва ду номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз автореферат҆о ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода менамояд ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

Дар баробари натиҷаҳои судбахш ва дастовардҳои муҳиму амалӣ, ки дар боло сухан рафт, диссертатсия аз баъзе камбудиҳо орӣ нест.

1. Дар кори диссертатсия баъзе хатогиҳои имлогӣ ва ғалатҳои техникӣ ба назар расиданд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.
2. Дар диссертасия ва автореферат оиди таҳияи китоби дарсии фанни иқтисодиёт барои синфҳои аз 5 боло пешниҳоди диссертант ба назар расид. Хуб мешуд, агар муаққиқ оид ба мазмуну мундариҷаи чунин китобҳои дарсӣ дар шакли таҳлил ва намуна мисол меовард.

Ҳамзамон бояд қайд кунем, ки камбудиҳои ироашуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмию амалии амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

Муҳокимарониҳои унвонҷӯ дар ҳаллу фасли масъалаҳои бунёдии таҳқиқот хуб аст. Таҳқиқот ба анҷом расида, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст.

**ХУЛОСА**

1. Диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Муаллифи диссертатсия Гулмаҳмадов С. ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл намудааст.

3. Диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои
педагогӣ, узви вобастаи АТТ,
профессори кафедраи методикаи таълими
математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин. Айнӣ М. Нугмонов

**Маълумот барои тамос:**
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 121.
Тел.: (+992) 93-864-76-29.
Почтаи электронӣ: nugmonoy@mail.ru
18.03.2025

Имзои Мансур Нугмоновро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ, А. Мустафозода

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС